УДК 33Т
ББК 65.9(5Т)
М 92

# ОИД БА БАЪЗЕ МУАММОҲОИ ТАЪСИСЁБИИ МИНТАҚАХОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

***Муҳсинова Парвина Абдулқосимовна*** – *номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони МДТ ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, e-mail:abulkosim-m@mail.ru*
***Ишонова Сайёра Султоновна*** - *номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
***Назарова Замира Салимҷоновна*** - *магистранти соли 2-юми кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

# О НЕКОТОРЫХ ПРОБЛЕМАХ СОЗДАНИЯ СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН В ТАДЖИКИСТАНЕ

***Мухсинова Парвина Абдулкосимовна*** - *кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики ГОУ ХГУ имени академика Б.Гафурова. г. Худжанд, Республике Таджикистан, e-mail:abulkosim-m@mail.ru*
***Ишанова Сайёра Султоновна*** – *кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики ГОУ Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, г. Худжанд, Республики Таджикистан.*
***Назарова Замира Салимджановна*** - *магистрант 2-го курса кафедры мировой экономики ГОУ Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова, г. Худжанд, Республики Таджикистан.*

# ON SOME PROBLEMS OF ESTABLISHMENT OF FREE ECONOMIC ZONES IN TAJIKISTAN

***Muhsinova Parvina Abulkosimovna*** - *Researcher of the Khujand State University named after academician B.Gafurov. Khujand, Republic of Tajikistan, e-mail:abulkosim-m@mail.ru*
***Ishanova Sayora Sultonovna*** - *Candidate of Economics, Associate Professor of the Department of World Economy, State Educational Establishment Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Khujand, Republic of Tajikistan.*
***Nazarova Zamira Salimjonovna*** - *2 nd year Master Student of the Department of World Economy, Khujand State University named after Academician B. Gafurov, Khujand, Republic of Tajikistan.*

***Калидвожаҳо:*** *МОИ, рушди иқтисодӣ, рушди миллӣ, содирот, воридот, инкишофи илму техника, пешравӣ.*

*Дар мақолаи мазкур муаллифон кӯшиш ба харҷ додаанд, ки таҳлили синтезии назарияҳо ва таҷрибаҳои ҷаҳонии пайдоиши минтақаҳои озоди иқтисодиро гузаронанд. Дар мақола се масъалаи асосии иқтисодие, ки созмондиҳии минтақаҳои озоди иқтисодӣ метавонад ҳалли*

*онҳоро таъмин намояд дида баромада шудааст. Қобили зикр аст, ки ташкили МОИ барои тезонидани рушди иқтисодӣ миллӣ ва инчунин якҷояшавии самаранокии иҷтисодиёти милли бо хоҷагии ҷаҳонӣ аҳамияти назаррас дорад. Дар баробарии ин бояд қайд кунем, ки ташкили МОИ яке аз усулҳои самаранокии ҷалби сармояи хориҷӣ ва инчунин механизми инкишофдиҳандаи робитаҳои берунӣ-иқтисодӣ мебошад.*

***Ключевые слова:*** *СЭЗ, экономическое развитие, национальное развитие, экспорт, импорт, развитие науки и техники, прогресс.*

*В данной статье авторы попытались провести обобщающий анализ теорий и мировой практики возникновения свободных экономических зон. Рассматриваются три основных экономических вопроса, которые может решить организация свободных экономических зон.*

*Стоит отметить, что создание СЭЗ имеет большое значение для ускорения развития национальной экономики, а также интеграции эффективности национальной экономики с мировым хозяйством. При этом следует отметить, что создание ОЭЗ является одним из эффективных методов привлечения иностранного капитала, а также механизмом развития внешнеэкономических связей.*

***Keywords:*** *FEZ, economic development, national development, export, import, development of science and technology, progress.*

*In this article, the authors have tried to conduct a synthesis analysis of theories and world practices of the emergence of free economic zones. The article examines three main economic issues that the organization of free economic zones can solve. It is worth noting that the creation of the Free economic zone is of great importance for the acceleration of the national economic development, as well as the integration of the effectiveness of the national economy with the world economy. At the same time, it should be noted that the establishment of the FEZ is one of the effective methods of attracting foreign capital, as well as a mechanism for developing external economic relations.*

Имрӯз яке аз самтҳои муҳими ҳамкории байналмиллалии иқтисодӣ, ки вирди забони соҳибкорон, иқтисодшиносон ва сиёсатмадорон гардида истодааст, ин ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ мебошад. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ин як қисми алоҳидаи маҳдуди фазои иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад, ки дар ҳудуди он низоми махсуси хочагидорӣ амал мекунад. Он барои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба корхонаҳо имтиёзҳои васеъ дар бахши андозситони ва ҳаракати озоди сармояву қувваи корӣ таъмин мегардад. Ба ақидаи муассисони минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъсиси онҳо аломати чори намудани принсипи иқтисодӣ озод буда, низоми гумрукӣ, андозситони ва сармоягузори дар он барои равнақу ривоҷи сармоягузории (инвестиция) дохилию хориҷӣ мусоидат мекунад.

Ба ғайр аз ҷалби сармояи хориҷӣ, ки метавонад боиси фаъол гардидани равандҳои иқтисодии дохили кишвар гарданд, созмондиҳии минтақаҳои озоди иқтисодӣ метавонанд ҳалли чунин се масъалаи асосии иқтисодиро таъмин намоянд: тақвият бахшидан ба содироти маҳсулоти саноатӣ ва таъмини воридоти (тавассути он) асъори хориҷӣ; бо кор таъмин намудани теъдоди муайяни кувваи кории бекормонда; дар мисоли минтақаҳои озоди иқтисодӣ омухтани таҷрибаи пешкадами усулҳои муфиди хочагидорӣ, тадқиқоти илмӣ, технологияҳои нав ва дар иқтисоди милли (бо назардошти хусусиятҳои милли ва анъанаҳои хочагидорӣ) истифода кардани онхо.

Бояд кайд кард, ки дар иқтисоди ҷаҳони муосир ба таҷрибаи андӯхтаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ аҳамияти калон медиҳанд ва кишварҳое, ки кӯшиши гузарондани ислоҳоти ҷиддии иқтисодиро доранд, аз он сарфи назар карда наметавонанд. Натиҷаи асосии амалигардонии иқтисоди илмӣ-техникӣ дар асри XX ин пайдоиши узви нав дар хоҷагиҳои миллӣ – низоми навоварӣ ба ҳисоб мерафт, ки дар доираи онҳо доимо ва бетанаффус навовариҳои муҳим тавлид меёбанд ва амалӣ гардонида мешаванд. Фаъолияти босамари ин

низомҳо на фақат илм ва маорифи устувор, балки комплексҳои дигари институтсионалиро талаб мекунад.

Дар суръати баланди тиҷорати технологӣ, тиҷорат бо молҳо ва хадамотҳои илмталаб, моликияти зеҳҳӣ дар солҳои охир, ба вуҷуд омадани мамлакатҳои нави содиркунанда, ва инчунин васеъ шудани руйхати мамлакатҳои моли илмталабро истеҳсолкунанда, васеъ шудани таҷрибаи ташкили минтақаҳои махсус барои инкишофи ин соҳа, исботи самаранокии фаъолияти навоварӣ ба ҳисоб меравад. Дараҷаи баланди байналмиллалигардонии фаъолияти навоварӣ мавқеи асосҳои миллии навовариро мустаҳкам мегардонад, чунки раванди навоварӣ бо асосҳои институтсионалии ҳамон мамлакат, дастрасӣ ба ресурсҳои молиявӣ ва кадрӣ, алоқамандии зич дорад. Махсусан ташкили минтақаҳои озоди инкишофи илму техника дар ин ҷода аҳамияти хоса дорад.

Аз ҳисоботи илмӣ ва дигар нашрияҳои ташкилотҳои байналхалқӣ барои тавсифи намудҳои гуногуни минтақа мафҳуми «минтақаҳои озоди иқтисодӣ» истифода карда мешавад. Лекин мафҳуми мазкурро ба пуррагӣ моҳияти ин зуҳуротро инъикос намекунад. Дар бисёре аз минтақаҳои озоди иқтисодӣ, қоидаҳои иқтисодӣ, фишангҳо, қонунҳои маъмурии махсусро истифода мебаранд, ки аз режимҳои муайяни ҳуқуқӣ ва хоҷагидорӣ озод карда намешаванд ва фақат барои онҳо имтиёзҳоро сабук мегардонанд, то ки соҳибкоронро ҳавасманд гардонанд.

Аз ақидаҳои баъзе давлатҳо «минтақаҳои озод» аз рӯи мавҷудияташон ҳамчун территорияи махсус ҳисобида мешавад ва барои шароити ҳаёти коргарони минтақа, мутамарказонии иқтидори истеҳсолӣ ва ғайраҳо ба ҳисоб меравад. Барои чунин минтақаҳо мафҳуми «минтақаҳои махсуси иқтисодӣ» рост меояд.

Мақсадҳои асосии ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз сатҳи инкишофи иҷтимоӣ - иқтисодии давлати ташкилкунанда, нақшаҳои стратегии онҳо ва ғайраҳо вобастагӣ доранд. Аз ҳамин сабабҳо ва мақсадҳои ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҳар як ҳолатҳои дақиқ аз ҳамдигар фарқ карда мешаванд. Ҳамин тавр, дар давлатҳои тараққикардаи саноатӣ ба монанди ИМА, Франсия,Англия минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои фаъолгардонии робитаҳои беруниииқтисодӣ, ташкили сиёсати минтақавӣ, ки ба ҷоннок гардондани бизнеси хурд ва миёна дар минтақаҳо равона карда шудааст, баланд бардоштани рушди иқтисодӣ , баробар кардани фарқиятҳои байниминтақавӣ ташкил карда шудаанд. Ба ин мақсадҳо барои чунин категорияи соҳибкорон озодии фаъолият ва имтиёзҳои калони молиявӣ дода мешаванд. Ин барномаҳо самти махсус барои ҷалби сармояи хориҷӣ надоранд. Ташкил намудани корхонаҳои хурд ва миёна дар ин шаҳрҳо дорои имтиёзҳои калони андоз мегарданд. Ин корхонаҳо дар муддати панҷ сол аз супоридани намудҳои гуногуни андоз озод мегарданд. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини сиёсати «минтақаҳои озод» ин ташкили ҷойҳои нави корӣ мебошад. Дар интихоби 38 то шаҳр тақрибан 10 тои онҳо дар гирду атрофи Париж буда, ҳокимият чунин критерияҳоро роҳбарӣ менамояд, ба монанди сатҳи баланди бекорӣ, ки то 13,5%-ро ташкил мекунад, фоизи зиёди ҷавонон, ки бе маълумот мебошанд, иқтидори паст дар андозҳои тарафайн ва ғайра.

Аз ин сабаб минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар як қатор давлатҳои мутараққи карда истода низ ташкил карда шудаанду вале дар фарқият аз давлатҳои тараққикардаи саноатӣ дар ин давлатҳо дар мавриди ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ бисёртар ба ҷалби сармояи хориҷӣ, навкунии саноат, технология,боло бардоштани тахасуснокии қувваи коргарӣ такя карда мешавад.

Ташкил намудани минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун звенои асосӣ дар ташкили принсипҳои иқтисодиёти кушод дар муассисони онҳо дида мешаванд. Фаъолияти онҳо бо либерализасия ва фаъолгардонии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ алоқаманд карда мешавад. Иқтисодиёти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дорои сатҳи баланди ҷаҳони берунаи кушод аст, ки режимҳои гумрукӣ, андоз ва инвестисионӣ барои сармояи дохилӣ ва берунӣ мусоид мебошанд.

Ташкил намудани минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки давлат ба таври пурра кушодани иқтисодиёти худро барои сармояи хориҷӣ намехоҳад ё ин ки дар якҷоягӣ иқлими инвестисионии махсусро истифода мекунад ва қисман иқтисодиёти кушодро дар намуди минтақаҳои махсус истифода менамояд. Дар даҳсолаҳои охир дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ рақобати шадид байни давлатҳо дар соҳаи имтиёзҳои андоз ва ғайраҳо барои ҷалби сармоягузорӣ аз дигар давлатҳо пурзур гардидааст. Мавҷҳои намудҳои гуногуни имтиёзҳои андоз, дар қонунгузории миллӣ ба қайд гирифта шудаанд ва номи «инқилоби андоз» - ро ба худ гирифтаанд. Дар ҷараёни минтақаҳои озоди иқтисодӣ нақши аввалинро иҷро мекунаду ба амал мерасонанд.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ (минбаъд МОИ) ҳамчун «мушқапак» барои сармояи хоҷагии ҷаҳонӣ ба шумор меравандАз таҷрибаи ҷаҳонии созмондиҳи ва фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ маълум аст, ки онҳо барои ноил шудан ба мақсадҳои зерин ташкил карда мешаванд:

-мақсади асосии ташкили МОИ зиёдтар пайваст кардани мамлакат ба ҷараёни инкишофи тақсимоти байналхалқии меҳнат мебошад. Гап дар сари он аст, ки агар мамлакат бо ин ё он сабабҳо иқтисодиётро барои сармояи хориҷии соҳибкорӣ кушода натавонад, он гоҳ вай метавонад инро дар доираи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар амал татбиқ намояд, вақте ки ҳукумат имконияти иқлими нисбатан мусоидаткунандаи сармоягузориро барои маблағгузаронии хориҷӣ ба вуҷуд меорад;

-МОИ инчунин барои пур кардани бозори дохилии мамлакат бо маҳсулоти сифати баланддошта, пеш аз ҳама молҳои воридот ивазкунанда истифода мешавад. Барои ноил гаштан ба ин мақсад дар территорияи муайян бо ёрии сармояи хориҷии истеҳсолотӣ воридот ивазкунанда ташкил карда мешавад;

-ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ на фақат зиёдтар пайваст шудани соҳаҳои истеҳсолиро ба ҷараёни тақсимоти байналхалқии меҳнат, балки соҳаи саёҳат, фарҳанг ва соҳаҳои санаторию курортиро дар назар дорад, ки ба зиёдшавии даромадҳои асъорӣ меоварад;

-МОИ барои тезонидани ҷорикунонии коркардҳои илмию - техникии хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ нигаронида мешаванд;

-мақсади муҳими ташкили МОИ - ҳавасманд кардани инкишофи иқтисодии ягон территория ё соҳаи ҷудогонаи истеҳсолот мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки агар барои мамлакатҳои дорои иқтисодиёти рушди устувор ташкили МОИ – шарти фаъолгардонии фаъолияти хоҷагӣ дар ноҳияҳои депрессивӣ ба таназзул дучор шуда бошад, он гоҳ барои мамлакатҳои иқтисодиёти рӯ ба инкишоф ва иқтисодиёти давраи гузариш - ҳангоми ташкили чунин минтақаҳо ба воридоти сармояи хориҷӣ эътибори махсус дода мешавад;

Дар вақти пешбурди бизнеси байналхалқӣ бояд дар назар дошт, ки имтиёзҳои номбаршуда воситаи амали кардани бартарияти нисбии ин территория, на ин ки воситаи подоши омилҳои инкишофи ҷой дошта мегардад. Муҳимаш он аст, ки имтиёзҳои андоз воситаи ҳалкунандаи ҷалби сармояи хориҷӣ шуда наметавонанд. Дар шароити муосир, миқёси ташкилшавии МОИ чунин омилҳои асосӣ метавонанд, дар ин ҳолат кафолати сармоягузорӣ, сифати инфрасохтор ва дараҷаи тахасуснокии қувваи коргарӣ, имконияти дар бозори дохилӣ гирифтани кредитҳои арзон ва одди будани қоидаҳои маъмурӣ бошанд. Омили асоси дар ҷалб кардани сармояи хориҷӣ, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, устувории сиёсии мамлакати ҷойгиршудаи МОИ мебошад.

Минтақаҳои озоди иқтисоди самаранокии худро дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон нишон доданд.

Дар инкишофи худ МОИ роҳи дуру дарозро аз шаҳрҳо - бандарҳои тиҷоратии асри миёнагӣ сар карда то паркҳои нав ва марказҳои тадқиқоти тай намуданд. Нақш, мавқе ва шаклҳои онҳо тағйир ёфта, онҳо дар давлатҳои гуногуни ҷаҳон арзи вуҷуд дошта фаъолият мекунанд, ки ба ташкилоти ҷудонашавандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ мубаддал гаштаанд.

Таърихи ташкили МОИ ду нуқтаи назари консептуалиро дар бар мегирад: территорияви ва функсионали. Агарчи асоси онҳоро принсипи ягонаи пешниходи режими преференсиалии хочагидорӣ ташкил медихад, байни онҳо фарқе вучуд дорад, ки интихоби яке аз онҳоро муайян мекунад. Мувофиқи нуқтаи назари якум режими имтиёзиро корхонаҳо ва ташкилотҳое истифода мебаранд, ки дар ҳудуди махсус муайяншуда ҷойгир мебошанд. Мувофиқи нуқтаи назари дуюм имтиёзҳо бо намудҳои муайяни фаъолияти соҳибкори новабаста аз ҷои ҷойгиршавиашон истифода мешаванд.

Сохти аввали минтақаҳои озоди иқтисоди ба номи минтақаҳои озоди тиҷорати шудаанд (МОТ) ва ин қисмхои маҳдудшудаи ҳудуди бандарҳои баҳрӣ, фурудгоҳ ё бевосита дар наздикии онхо воқеъбуда мебошанд, ки аз ҳудуди миллии гумрукӣ бароварда шудаанд. Ин ҷо амалиётҳои анборкунӣ, нигаҳдорӣ, ба хелҳо ҷудокунӣ, борбанди, тамғазанӣ ва ғайраро гузаронидан мумкин аст. Дар минтақаҳои озоди тиҷорати инчунин имконияти намоиши молҳо дар марказҳои намоиши бо мақсади фурӯши ояндаи онҳо пешбинӣ мешаванд. Бо вучуди ин молҳо танҳо яклухт фурӯхта мешаванд. Тиҷорати чакана танҳо барои ҳайати идоракунии нақлиётӣ, киштиҳои ҳавоию баҳрӣ пешниҳод карда мешавад, дар ҳолатҳои дигар манъ аст. Ин минтақаҳо маблағгузориҳои зиёдро талаб намекунанд ва маблағҳои сарфшударо тез подош менамоянд.

Дар даҳсолаи охир паҳншавии кушодро минтақаҳои ба ном техники-татдики-технологӣ гирифтанд. Ин раванд дар мамлакатҳои ҷудогона хусусиятҳои намоёни миллӣ доранд. Дар ҳар гуна мамлакатҳо онхо номҳои аҷоиби технопарки, технополисҳо, марказҳои навоварӣ иноватсионӣ ва дигар доранд. Чи гуна онҳо номбурда нашаванд, онҳо хама вақт, чун қоида, дар атрофии ягон зарраи илмӣ бо инфрасохтори махсус ташкил мешаванд, ки тезонидани раванди расонидани технологияи навро ба саноат таъмин менамояд. Ҳамаи ин намуди минтақаҳо ва гуногуншаклии онҳо аз рӯи хусусиятҳои фаъолияташон дар мафҳуми МОИ муттаҳид мешаванд. Умуман МОИ барои тезонидани рушди иқтисодӣ, самаранок якҷояшавии иқтисодиёти миллӣ ба хоҷагии ҷаҳонӣ эътироф гардиданд. Аз доираи шароитҳои гузошташуда, ягон шарти иҷронашаванда вуҷуд надорад. Проблемаи ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва таъмини самараноки фаъолияти онҳо, ҳамаи инҳо бо таъмини ҳаракати тарафайни ҳамаи шахсони манфиатдор ҳалли худро мeёбанд. Бо баробари ин бояд гуфтан лозим аст, ки ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ яке аз усулҳои самаранок ҷалб кардани сармояи хориҷӣ ва инчунин механизми инкишофдиҳандаи робитаҳои берунииқтисодӣ мебошанд.

Ҳамин тавр, ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ самаранок фаъолият намудани ҷараёнҳои иқтисодиро муайян менамоянд, ки рушди ҳаҷми содирот, гузарондани азнавсозии саноат, тезонидан ва азхудкунии технологияро таъмин менамоянд.

## АДАБИЁТ


1. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми марти соли 2008 № 103 «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷа оид ба ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2008
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 майи соли 2008 № 227 «Дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии «Панҷи поён» ва «Суғд»». Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2008, 4.
3. Мирпоччоев Ҳ.А., Орипов О Х. Самтҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли озод иқтисодии минтақаи озоди иқтисодии «Суғд»), 24 с.
4. Ҳакимзода А., Раҷабов Қ. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ: таърихи пайдоиш ва муаммоҳои густариш. Паёми Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ), № 1(45). Бахши илмҳои иқтисодӣ (қисми1), 2008. Ба 60-солагии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон бахшида мешавад, с. 43-53.
5. Андрианов В.Д., Кузнецов А.Н. Специальные экономические зоны в мировой экономике. М.: Издательство МГУ, 2010. – 59 с.

LITERATURE

1. Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated March 5, 2008 No. 103 "On primary measures for the establishment of free economic zones in the Republic of Tajikistan". Government of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, 2008
2. Decision of the Government of the Republic of Tajikistan dated May 2, 2008 No. 227 "On the establishment of the free economic zones "Panji khola" and "Sugd". Government of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, 2008, 4.
3. Mirpochchoev H.A., Oripov O. X. Directions of increasing the efficiency of free economic zones in the Republic of Tajikistan (on the example of the free economic zone of the "Sugd" free economic zone), 24p.
4. Hakimzoda A., Rajabov Q. Free economic zones: history of origin and problems of expansion. Message of the National State University of Tajikistan (scientific journal), No. 1(45). Department of economic sciences (part 1), 2008. Dedicated to the 60th anniversary of the National State University of Tajikistan, p. 43-53.
5. Andrianov V.D., Kuznetsov A.N. Special economic zones in the world economy. M.: Publishing house of Moscow State University, 2010. - 59 p.